**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Раҳматов Сулаймон Ҳасанович дар мавзуи «Хусусиятҳои агробиологӣ ва селексионии навъҳои хурмои шарқӣ дар шароити водиҳои Ҳисору Вахш», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05.-Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ пешниҳод шудааст.**

Шароити хоку иқлими Тоҷикистон, барои парвариши дарахтони мевадиҳанда мусоид мебошад. Боғдорӣ бахши муҳими кишоварзӣ ба шумор рафта, он дар таъмини амнияти ғизоӣ ва сабади истеъмолӣ мавқеи намоёнро ишғол менамояд, чунки меваҷот дар баробари маводи ғизоӣ ҳамчунин, маводи табобатӣ низ мебошад. Рушди бемайлони боғдорӣ вобаста ба афзоиши аҳолӣ дар ҷумҳурӣ масъалаи мубрами рӯз мебошад. Чунки аҳолии мамлакт рӯз то рӯз зиёд шуда, талаботи аҳолӣ низ ҳамасола аз ҳисоби меваҷоту сабзавот, ғалладонаю лӯбиёгиҳо афзоиш ёфта истодаанд.

Дар рафти иҷрои кори диссертатсионӣ Раҳматов Сулаймон Ҳасанович қонуниятҳои ҷараёни марҳилаҳои фенологӣ дар давраи рушди солонаи навъҳои маҳаллӣ ва навъҳои воридшудаи хурми шарқӣ, хусусиятҳои биологӣ, дараҷаи паҳншавии онҳо дар минтақаҳо, навъу шаклҳои хурмои шарқиро аз рӯйи аломатҳои маҳсулнокӣ, ҳосилбандии мунтазам, ҳосилнокӣ, ҷудо кардани навъу шаклҳои хурмоолу, ки дорои хусусиятҳои беҳтарини арзишноканд ва барои истифода дар селексия ва бунёд намудани боғҳои ҳозиразамон ва навъу шаклҳои пурқимати ояндадори хурмои шарқиро ҳамчун маводи аввалияи селексионӣ ва ғанӣ гардонидани ассортименти навъҳои хурмоолу дар ҷумҳуриро омӯхтааст ва барои дар истеҳсолот ҷорӣ намудани онҳо таҳқиқоти илман асоснок пешниҳод намудааст.

Қобили қайд аст, ки худи унвонҷӯй бевосита кори диссертатсияро иҷро намуда, натиҷаи илмии ба даст овардашуда, самараи таҳқиқоти мустақилонаи ӯ мебошад.

Саҳми муаллиф дар ҷамъ овардани натиҷаҳои таҳқиқотҳои гузаронидаи ӯ назаррас буда таҷрибаҳои саҳроии лайёқати баҳодиҳии натиҷаҳои анҷомёфтаи илман асоснокшуда мебошад.

Раҳматов Сулаймон Ҳасанович аз рӯйи натиҷаҳои кори диссертисионии худ мустақилона 13 мақола нашр намудааст, ки аз он 8 тояш дар маҷалаҳои тақризшавандаи КОА - и назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон. Натиҷаҳои кори таҳқиқотии ӯ дар маводҳои конфренсияҳои илмии ҷуҳуриявӣ ва байналмилалӣ, ки ҳамасола дар Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон ва берун аз он баргузор мегардад барраси намудааст.

Дар диссертасияи новобаста аз натиҷаҳои хуби илмӣ-таҳқиқотии ба дастовардашуда, норасогиҳои таҳрирӣ ва илмӣ –методӣ дида мешаванд

1. Дар навишти автореферат ғалатиҳои имлоӣ дида мешаванд;
2. Хушкунии меваи хурмои шарқӣ бо усулҳои анъанавӣ гуаронида шудааст, беҳтар мебуд, ки усулҳои муосири хушккунӣ истифода мешуданд;

Норасогииҳои мазкур дараҷаи таҳқиқотро паст намекунад ва дар маҷмуъ, диссертатсияи Раҳматов Сулаймон Ҳусейнович дар мавзуи «Хусусиятҳои агробиологӣ ва селексионии навъҳои хурмои шарқӣ дар шароити водиҳои Ҳисору Вахш» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05.–Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ пешниҳод гардидааст, кори илмии бисёрсола ба шумор рафта, дар сатҳи баланди илмӣ анҷом дода шуда, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он Раҳматов Сулаймон Ҳасанович сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05-Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
Доктори илмҳои биологӣ, узви вобастаи АМИТ,
аз рӯйи ихтисоси 03.00.12-физиология растаниҳо,
профессори ДАТ ба номи Ш.Шоҳтемур Гулов С.М.

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе,
Хиёбони Рӯдакӣ-146, ДАТ ба номи Ш. Шоҳтемур
тел: (+992) 918-78-99-54, E-mail: sgulov@ gmail.com

Имзои С.М. Гулов-ро тасдиқ менамоям:
Сардори шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ ва кадрҳои
Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон
ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур Қурбонзода А.Х.
08 февралии соли 2026.

***Суроғаи муассиса:*** 734003, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ 146, Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур. Тел.: 908-08-73-12, E-Mail.: rectortau31@mail.ru